# ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.KOA-092 дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Болтаева Мунира Негматовна дар мавзуи «Ҷанбаҳои консептуалии масъалаи худшиносии фардӣ ва гурӯҳӣ дар таърихи фалсафа» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03-таърихи фалсафа (илмҳои фалсафӣ)**

Диссертатсияи Болтаева Мунира Негматовна ба таҳқиқи яке аз мавзуҳои актуалии таърихи фалсафа (масъалаи худшиносӣ) бахшида шудааст. Муаллифи диссертатсия муваффақ гардидааст, ки бо далелҳои муътамади илмӣ муҳимияти мавзуи мавриди таҳқиқи худро исбот намояд. Комиссия бо андешаи диссертант дар мавриди он, ки «тағйироти куллӣ, ки дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоию фарҳангии ҷаҳон ва Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони муосир ба вуқуъ мепайванданд, тақозо мекунанд, ки ҳар як сокини ҷумҳурӣ бештар аз пештар ба решаҳои таърихӣ, анъанаҳои мусбати пешинаи ниёгон ва мероси фарҳангии онҳо рӯ оварда, онҳоро бо дарназардоштани талаботи замони муосир дар таҳкими ҳувияти хеш ва миллати худ мавриди истифода қарор диҳанд ва дар амалияи иҷтимоӣ ҷойгоҳи худро муайян созанд», комилан мувофиқ мебошад.

Масъалаи худшиносӣ дар замони муосир мубрамияти тоза касб намуда, тақозо менамояд, ки арзишмандтарин назариёти мутафаккирони гузашта ва муосирро таҳқиқ ва таҳлил намуда, барои тарбияи насли муосир истифода намоем. Дар ин самт рисолаи номзадии Болтаева М.Н. қадами устувор дар самти шинохти моҳияти худшиносӣ буда, дорои арзиши баланди назариявӣ ва амалӣ мебошад.

Далели дигари унвонҷӯ доир ба муҳимияти мавзуи таҳқиқотии худ, ки «бунёди давлати миллӣ, ташаккул ва рушди давлатдории миллӣ, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо бадастории истиқлолияти давлатӣ идеологияи қаблии шуравиро иваз намуд, имрӯз ба яке аз рукнҳои

асосии сиёсати давлатӣ табдил ёфта, тақозо мекунад, ки дар амалишавии чунин сиёсат тамоми шаҳрвандон ҳиссагузор бошанд» низ, асоснок мебошад. Мутаассифона, раванди бегонашавию бегонапарастӣ аз дигарон дида, миёни насли муосири миллати тоҷик зиёдтар ба назар мерасад. Рушди мунтазами хӯрофотпарастию таассуби динӣ ва раванди густариши бегонашавию бегонапарастӣ дар байни насли наврасу ҷавон тақозо менамояд, ки таҳқиқотҳои илмӣ дар самти шинохти табиат ва моҳияти инсон ва худшиносиву худогоҳӣ зиёдтар анҷом шуда, натиҷаҳои он баҳри тарбияи ин қишр пешниҳод шавад. Бо назардошти ин ва дигар андешаҳои дар диссертатсия овардашуда, метавон мавзуи таҳқиқотиро барои ҷомеаи муосири тоҷик актуалӣ баҳогузорӣ намуд. Яъне, диссертатсияи Болтаева М.Н. ба яке аз мавзуҳои муҳимми таърихи фалсафа бахшида шудааст. Аз ин нуқтаи назар мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ва автореферати он ба соҳаи таърихи фалсафа, ки аз рӯйи он ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-092 ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо дода шудааст, мутобиқат менамояд.

Мавзуъ ва мазмуни диссертатсияи Болтаева Мунира Негматовна бо шиносномаи ихтисоси 09.00.03 – Таърихи фалсафа, мувофиқ мебошад. Ҳамчунин, таҳқиқот ба талаботи самтҳои афзалиятноки илм ва Феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дараҷаҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми ноябри соли 2017 таҳти №5/2 тасдиқ шудааст, мувофиқат менамояд.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 6 мақолаи илмӣ, ки аз онҳо 3 тояшон дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонида шудаанд, инъикос ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021 таҳти №267 (Тағйиру иловаҳо аз 26.06.2023, №295) тасдиқ шудааст, пурра мувофиқат менамоянд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дорои хусусияти илмӣ буда, арзиши назариявӣ ва амалӣ дошта, эътимоднокии кори диссертатсиониро таъмин кардаанд. Дар диссертатсияи Болтаева М.Н. истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё сарчашма мавҷуд набуда, ҳамаи манбаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият даровarda шудаанд, ки мувофиқ ба меъёрҳои муқарраргардида нисбат ба корҳои илмӣ ва аз риоя шудани банди 37-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» гувоҳӣ медиҳад.

Пешниҳод карда мешавад, ки ба ҳайси муқарризони расмӣ оид ба диссертатсияи Болтаева Мунира Негматовнаро дар мавзуи «Ҷанбаҳои консептуалии масъалаи худшиносӣ дар фалсафаи давраи муосир» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 - Таърихи фалсафа, мутахассисони зерин таъйин карда шаванд:

- Раҳимов Муҳсин Ҳусейнович – доктори илмҳои фалсафа, профессори кафедраи илмҳои ҷомеашиносии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.Осимӣ;
- Бердиев Шоҳназар Пирназарович – номзади илмҳои фалсафа, дотсенти кафедраи фалсафа ва фарҳангшиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ.

- Ба сифати муассисаи пешбар Донишгоҳи давлатии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода таъйин карда шавад.

- Барои нашри эълон оид ба ҳимояи минбаъда ва ҷойгир намудани автореферат дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

- Пешниҳод карда мешавад, ки барои чопи автореферати диссертатсия иҷозат дода шавад.

Комиссияи экспертӣ диссертатсияи Болтаева М.Н.-ро дар мавзуи «Ҷанбаҳои консептуалии масъалаи худшиносии фардӣ ва гурӯҳӣ дар таърихи фалсафа» ташхис намуда, муайян кард, ки он аз ду боб ва шаш зербоб иборат буда, боби якум «Асосҳои илмӣ-методологии таҳқиқи масъалаи худшиносӣ

ҳамчун проблемаи фалсафӣ ва инъикоси ҷанбаҳои консептуалии он дар таърихи фалсафа аз даврони қадим то оғози асри XX» хусусияти методологию заминавӣ дошта, масъалаи асосӣ ба боби дуюм «Ҷанбаҳои консептуалӣ, назариявӣ ва амалии масъалаи худшиносӣ дар фалсафаи даврони муосир (аз ибтидои асри XX-XXI)» тааллуқ дорад. Аз ин лиҳоз, комиссия пешниҳод менамояд, ки ҷиҳати комилан ҳамоҳанг гардидани он бо мундариҷа ва мазмуни диссертатсия унвони он таҳрир ва «Ҷанбаҳои консептуалии масъалаи худшиносӣ дар фалсафаи давраи муосир» муайян карда шавад.

Комиссияи экспертии диссертатсияи Болтаева М.Н.-ро дар мавзуи «Ҷанбаҳои консептуалии масъалаи худшиносии фардӣ ва гурӯҳӣ дар таърихи фалсафа» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – Таърихи фалсафа, дар асоси талаботи банди 60-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ

ҚАРОР КАРД:

1. Бо мақсади комилан ҳамоҳанг шудани мундариҷа ва мазмуни диссертатсияи Болтаева Мунира Негматовна пешниҳод карда мешавад, ки унвони он таҳрир гардида, аз «Ҷанбаҳои консептуалии масъалаи худшиносии фардӣ ва гурӯҳӣ дар таърихи фалсафа» ба «Ҷанбаҳои консептуалии масъалаи худшиносӣ дар фалсафаи давраи муосир» иваз карда шавад.

2. Диссертатсияи Болтаева Мунира Негматовна дар мавзуи «Ҷанбаҳои консептуалии масъалаи худшиносӣ дар фалсафаи давраи муосир» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 -Таърихи фалсафа барои ҳимоя қабул карда шавад.

3. Муҳаққиқони зерин, ки корҳои илмиашон ба ихтисоси 09.00.03 – Таърихи фалсафа мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод карда шаванд:

- Раҳимов Муҳсин Ҳусейнович – доктори илмҳои фалсафа, профессори кафедраи илмҳои ҷомеашиносии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.Осимӣ;

- Бердиев Шоҳназар Пирназарович – номзади илмҳои фалсафа, дотсенти кафедраи фалсафа ва фарҳангшиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ.

4. Ба сифати муассисаи пешбар Донишгоҳи давлатии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода таъйин карда шавад.

5. Барои нашри эълон оид ба ҳимояи минбаъда ва ҷойгир намудани автореферат дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

6. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 адад) ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссия:**
доктори илмҳои фалсафа, профессор Содиқӣ Н.Н.

**Аъзои комиссия:**
доктори илмҳои фалсафа, профессор Маҳмадҷонова М.Т.

доктори илмҳои фалсафа, профессор Зиёев И.Ғ.

“ 9 ” июни соли 2025